МАҚОМОТИ ИҶРОИЯИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТИИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ
РАЁСАТИ ФАРҲАНГИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ
МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ КИТОБХОНАИ МУОСИРИ «ПОЙТАХТ»

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи А.Дониш 18
тел: (992-372) 226-40-11, сомона: kitobkhonai-muosiri-poytakht@mail.ru

Ба Сардори Раёсати
фарҳанги шаҳри Душанбе
Ҳабибзода М. Х.

ҲИСОБОТИ
Муассисаи давлатии Китобхонаи муосири “Пойтахт” дар шашмоҳаи соли 2026

Маъмурият ва ҳайати кормандони Китобхонаи муосири “Пойтахт” фаъолияти худро дар нимсолаи аввали соли 2026 тибқи фармону қарор ва амру супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Ҳукумати шаҳр, Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раёсати фарҳанги шаҳри Душанбе ва тибқи Нақшаи фаъолияти китобхона барои соли 2026 ба роҳ монда, саъю талош намудааст, ки супоришҳои ба китобхона марбутаро сари вақт ва бо сифати баланд татбиқ намояд.

Кормандони китобхона дар фаъолияти ҳаррӯзаи худ кӯшиш намуда истодаанд, ки бо ҷалби ҳар чи бештари хонандагону муштариёни нав ба нав ва аъзо намудани онҳо, зиёд намудани миқдори фонди китобхона бо китоб, рӯзнома ва маҷаллаҳои ҷадид, гузаронидани чорабиниҳои сёсӣ, фарҳангӣ ва маърифатӣ ва амсоли инҳо 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро истиқбол намоянд. Бояд қайд кард, ки Китобхонаи муосири “Пойтахт” бахшида ба “Соли вусъат додани корҳои ободониву созандагӣ ва тақвияту таҳкими худшиносиву худогоҳии миллӣ” эълон намудани соли 2026 Нақшаи корӣ таҳия намуда, бандҳои онро ботадриҷ татбиқ менамояд.

Муассисаи давлатии Китобхонаи муосири “Пойтахт” яке аз марказҳои фарҳангӣ ва илмие мебошад, ки фаъолияти он барои баланд бардоштани сатҳи маънавии ҷомеа дар риштаи илму фарҳанг, тарбия намудани насли наврас дар асоси ғояҳои Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, аз қабили худшиносии миллӣ, арҷгузорӣ ба мероси моддию маънавии гузаштаи ниёгонамон, сипосгузорӣ аз қаҳрамонони миллатамон, саҳм дар созандагиву ободонии мамлакатамон ва омӯхтани таъриху фарҳанги миллӣ ва амсоли инҳо равона карда шудааст.

Барои ин дар китобхона ҳамаи шароитҳои корӣ, ба мисли китобҳои бадеӣ, илмӣ, сиёсӣ, публитсистӣ, рӯзномаву маҷаллаҳо мавҷуд аст. Ҳамчунин китобхона бо компютер, таҷҳизоти ба он мутааллиқ, шабакаи интернетии босуръат муҷаҳҳаз мебошад.

Кормандони китобхона бо муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе, Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода, Маркази саломатии №5, мактаби мусиқии бачагонаи №1 ба номи П. И. Чайковский, Коллеҷи омӯзгории ба номи Хосият Махсумоваи Донишгоҳи давлатии омӯзгории ба номи С. Айнӣ ва ба мисли инҳо ҳамкорӣ менамояд.

Маврид ба қайд аст, ки дар ин муддат, шумораи муштариёни китобхона рӯз аз рӯз бештар гардида, ташрифоварӣ дар шаш моҳ, аз 2098 нафари семоҳаи аввали сол то ба 4365 нафар, миқдори аъзоён дар ин давра аз 845 то ба 1644 нафар расидааст. Кормандони китобхона ҳамарӯза хонандагонро аъзо намуда, бо китобҳои тозанашр шинос мекунанд. Бояд зикр намуд, ки бештари хонандагон аз китобҳои электронӣ истифода мебаранд.

Бо кӯшишу ғайрат ва муносибати хуби кормандони китобхона ҳамарӯза талаботи муштариён қонеъ гардонида мешавад. Шумораи пешниҳоди китоб дар фарқият аз 2274 адади семоҳаи аввал дар шаш моҳи нимсола ба 4614 адад расидааст.

Давоми шаш моҳи соли 2026 955 китоб, яъне бар замми 460 китоби семоҳаи аввал, иловатан 495 нусха китоби тозанашр харидорӣ шудааст. Адабиётҳои харидоришуда ҳамчунин бо рӯйхати китобҳои озмуни ҷумҳуриявии **“Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст”** мутобиқат мекунад.

Шумораи умумии китобҳои чопӣ дар китобхона 20930 ва маводҳои электронӣ бошад, зиёда аз 66000 нусхаро дар бар мегирад.

Дар муассиса 24 адад компютер мавҷуд буда, шаштои он моноблокҳои замонавӣ доранд. Маврид ба қайд аст, китобхона сомонаи худро дорад.

Барои бештар ҷалб намудани хонандагон, донишҷӯён ва умуман муштариён, аз тарафи кормандони китобхона пайваста сӯҳбатҳо оид ба аҳамияти китоб дар тарбияи маънавии инсон гузаронида шуда, китобҳо ба намоиш гузошта мешаванд.

Дар ин давра, тибқи санаҳои таърихӣ ва идҳо аз рӯйи нақшаи кории тасдиқшуда чорабиниҳои гуногун гузаронида шуданд.

Санаи 29 - уми январи соли ҷорӣ, соати 10:00 дар толори хониш маҳфили илмию фарҳангӣ таҳти унвони **Паём ва иқтидори сиёсию фарҳангӣ** (дар ҳошияи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон) ва ҷашни Сада доир гардид. Маҳфил ба ду ҳодисаи муҳимми таърихӣ - ироаи Паёми

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ ва ҷашни бузурги аҷдодӣ **Садаи бостонӣ** бахшида шуд. Дар кори маҳфил меҳмонон, донишҷӯён, хонандагони муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, кормандони Китобхона ва алоқамандони фарҳанги миллӣ, аз ҷумла намояндаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Нозим Нурзода ва омӯзгорони академия ташриф оварданд.

Санаи 5-уми март бахшида ба “Рӯзи Модар” таҳти унвони “Модари хушназарам, ҳар назарам ҳадяи туст”дар толори муассиса чорабинии фарҳангӣ баргузор шуд. Дар маҳфили адабӣ-фарҳангӣ меҳмонон: номзади илмҳои филологӣ Анварзода Мавҷуда, омӯзгорону хонандагони МТМУ №31, донишҷӯёни ДДФСТ ба номи М. Турсунзода, инчунин хонандагони МД мактаби мусиқии бачагонаи № 1- и ба номи П. Л. Чайковский бо барномаи консертӣ иштирок доштанд.

Санаи 11-уми марти соли ҷорӣ дар муассиса бахшида ба Рӯзи гиромидошти шоири маъруфи тоҷик Низоми Ганҷавӣ бо хонандагони МТМУ № 35 соати адабӣ гузаронида шуд. Дар кори маҳфил кормандон дар бораи ҳаёту фаъолияти шоир маълумот дода, дар охир бо хонандагон саволу ҷавоб намуданд.

Санаи 16.03.2026 дар толори муассиса бо хонандагони МТМУ-и № 41 суҳбат доир ба иди Наврӯзи оламафрӯз гузаронида шуд. Кормандони китобхона ба хонандагон аз таърихи Наврӯз, вижагиҳои суннатҳои наврӯзӣ маълумот дода, қайд намуданд, ки дар давраи соҳибистиқлолӣ бо саъю талошҳои Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Наврӯз мақоми байналмилалӣ гирифта, дар саросари ҷумҳурӣ ҳамасола бо шукӯҳу шаҳомат ҷашн гирифта мешавад. Хонандагон низ дар васфи Наврӯз шеърҳо қироат намуда, сурудҳои ҷолиб сароиданд.

Инчунин, санаи 17.03.2026 дар Муассисаи таҳсилоти умумии рақами 31 бо иштироки кормандони китобхона ва омӯгорону хонандагон намоиши китобӣ таҳти унвони “Наврӯзи бостонӣ - ифтихори миллӣ” ва маҳфили шеъру суруд баргузор гардид.

Дар санаи 3-юми апрели соли 2026 дар МД Китобхонаи муосири “Пойтахт” маҳфили адабӣ таҳти унвони “Китоб-машъали тобони илму маърифат” бо иштироки кормандони китобхона ва омӯзгорону хонандагони мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №41 гузаронида шуд.

Дар тахрихи 6-уми апрели соли 2026 дар китобхона бо иштироки кормандони китобхонаи МТМУ №31 ва теъдоди зиёди хонандагону муштариён бахшида ба Фестивали ҷумҳуриявии “Ҳафтаи китоби кӯдакону наврасони Тоҷикистон” таҳти унвони “Китобхона ва ҷаҳони китоб”, ки ҳамасола аз 2-юм то 9-уми апрел идома меёбад, “Сайри китобхона” гузаронида шуда, ҳозирин бо фонди китобхона ва китобҳои навворидшуда шинос карда шуданд.

Дар санаи 8-уми апрели соли 2026 дар китобхона дар доираи Фестивали ҷумҳуриявии “Ҳафтаи китоби кӯдакону наврасони Тоҷикистон” аз рӯйи асари безаволи Абулқосим Фирдавсӣ – “Шоҳнома” хониши бадеӣ гузаронида шуд. Дар маҳфил кормандони китобхона, омӯзгорон ва хонандагони МТМУ №20-и ноҳияи Шоҳмансур иштирок намуданд.

Бояд қайд намуд, ки 14-уми апрели соли равон Китобхонаи муосири “Пойтахт” дар озмуни китобхонаи беҳтарин аз рӯйи номинатсияи “Китобхонаи беҳтарини оммавӣ”, ки ҳукумати шаҳр ба муносибати “Рӯзи пойтахт” эълон намуда буд (Қарори Раиси шаҳри Душанбе аз 20-уми апрели соли 2021, таҳти №219) сазовори ҷойи аввал гардида, бо мукофот сарфароз гардонда шуд.

15-уми апрели соли 2026 дар Китобхонаи муосири “Пойтахт” бахшида ба зодрӯзи поягузори адабиёти муосири тоҷик устод Садриддин Айнӣ таҳти унвони “Нақши устод Садриддин Айнӣ дар адабиёт ва ҷомеа” маҳфили адабӣ ва намоиши китоб баргузор гардид.

7-уми моҳи майи соли равон кормандони китобхона Ҳусейнова М., Қурбонзода Ш. ва Зардакова М. бо мақсади таҷлили Иди Ғалаба ба мактаби №16 ташриф оварда, бо хонандагон доир ба моҳияти ин ид чорабинии маърифатию фарҳангӣ ва сиёсӣ гузарониданд.

13-уми моҳи май кормандони китобхона бо иштироки омӯзгорону хонандагони мактаби миёнаи № 31 ва кормандони Муассисаи саломатии шаҳрии №5 доир ба “Рӯзи байналмилалии оила” таҳти унвони “Мафҳуми оила ва мавқеи он дар ташаккули ҷомеаи имрӯза” мизи мудаввар гузарониданд.

18-уми моҳи майи соли 2026 дар Китобхонаи муосири “Пойтахт” намоиши китобҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон гузаронида шуд. Асарҳои мазкур ба тарзи доимӣ ҷойгир карда шуда, муштариён метавонанд бо онҳо баосонӣ шинос шуда, дар худи толори китобхона онҳоро мутоила намоянд. 20-уми майи соли ҷорӣ тибқи Нақшаи китобхона аз 30-юми декабри соли 2025 (барои соли 2026) бо иштироки омӯзгорону хонандагони Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №16 дар китобхона бахшида ба “Рӯзи ҷавонон” дар мавзӯи “Ҷавонон – нерӯи созанда ва муҳофизони давлату миллат” чорабинии фарҳангӣ гузаронида шуд. Дар чорабинии мазкур муовини директори китобхона Иззатов Т. Қ. бо маърӯзаи муфассал баромад намуда, омӯзгори забонҳои хориҷӣ Маҳмадиалиева Р. ва хонандаи синфи 8-ум Маҳмадҷонов Ф. ба музокира баромада, дар интиҳо бо хонандагон доир ба мавзуи мазкур саволу ҷавобҳо баргузор гардид.

25-уми майи соли равон кормандони китобхона дар таҷлили “Рӯзи футбол” иштирок намуданд. Рӯзи 28-уми майи соли равон кормандони Китобхонаи муосири «Пойтахт» Ҳусейнова М. ва Қурбонзода Ш. тибқи Қарори раиси ш. Душанбе аз 6-уми майи соли 2026, таҳти №388 ва Нақшаи фаъолияти китобхона аз 30-юми декабри соли 2025 (барои соли 2026) доир

ба таҷлили «Рӯзи байналмилалии ҳифзи кӯдакон - 1-уми июн» дар боғчаи бачагонаи № 46-и ноҳияи Шоҳмансури ш. Душанбе бо иштироки мураббии боғча Сафарова М. ва 20 нафар кӯдаки то синнимактабӣ вохӯрӣ баргузор намуданд. Кормандони китобхона бо кӯдакон сӯҳбат ороста, дар бораи иди кӯдакон ва моҳияти он ба тариқи дастрас суолу ҷавоб намуда, кӯдаконро ба ҷашнашон табрик намуданд. Сипас, кӯдакон дар васфи Ватан, модар ва мураббию омӯзгор шеърҳо қироат намуданд. Ҳамчунин онҳо дар шакли хор таҳти мусиқӣ доир ба ватану ватандӯстӣ суруд хонданд. Дар фарҷом кормандони китобхона ба кӯдакон китобчаҳои бачагонаи бадеӣ тӯҳфа намуданд.

20-уми майи соли ҷорӣ директори китобхона ва кормандон Ҳусейнова М. ва Раҷабова З. дар ҷаласаи машваратии Раёсати фарҳанги шаҳри Душанбе иштирок намуданд. Дар ҷаласаи мазкур масъалаҳое аз қабили таблиғу тарғиби мӯҳтавои Нақшаи чорабиниҳои Стратегияи давлатии муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030; таълиму тарбияи ноболиғон ва пешгирии ҷиноятҳо аз ҷониби онҳо; Фармоиши №6, аз 07.05.2026 доир ба “Омодагии муассисаҳои тобеи Раёсати фарҳанги Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе ба мавсими тирамоҳу зимистони солҳои 2026-2027” ва татбиқи Нақшаи чорабиниҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе бахшида ба “Соли вусъат додани корҳои ободониву созандагӣ ва тақвияту таҳкими худшиносиву худогоҳии миллӣ” эълон намудани соли 2026 перомуни Қарори раиси шаҳри Душанбе аз 13 апрели соли 2026, таҳти № 310 муҳокимаву баррасӣ гардида, ба зерсохторҳои фарҳангии шаҳри Душанбе, аз ҷумла Китобхонаи муосири “Пойтахт” супоришҳои мушаххас дода шуд. Бояд қайд намуд, ки доир ба Нақшаи чорабиниҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе бахшида ба “Соли вусъат додани корҳои ободониву созандагӣ ва тақвияту таҳкими худшиносиву худогоҳии миллӣ” эълон намудани соли 2026 дар китобхона нақшаи корӣ таҳия шуда, бандҳои он ботадриҷ татбиқ карда мешаванд.

1-уми июни соли 2026 директори китобхона Ҷалолиддинзода А. Ҷ. дар консерти идона бахшида ба Рӯзи байналмилалии кӯдакон – 1-уми июн бо иштироки Оркестри симфонии кӯдаконаи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Театри давлатии академии опера ва балети ба номи С. Айнӣ иштирок намуд.

Маъмурияти китобхона ба ҳамаи асноди воридшуда ва фармоишҳои мақомотҳои гуногун, бахусус Раёсати фарҳанги шаҳри Душанбе, сари вақт ҷавоб гардонидааст. Ҳамаи асноди воридшавандаю содиршаванда сари вақт дар дафтарҳои воридотию содиротӣ ба қайд гирифта мешаванд.

Дар Муассисаи давлатии Китобхонаи муосири “Пойтахт” ҳар ҳафта шанбегӣ гузаронида шуда, китобхона бо утоқҳояш ва саҳни ҳавлии он доимо тозаю озода нигоҳ дошта мешаванд.

Директор **Ҷалолиддинзода А. Ҷ .**

Замимаҳо

Ҳисоботи омории МД Китобхонаи муосири “Пойтахт”- и – Раёсати фарҳанги Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе дар соли 2026

№ р/т	Фонди китоб	Адабиёти хориҷ-шуда	Китобҳои Тоза нашр	Китобҳои электронӣ	Ташрифоварӣ	Шумораи аъзоён	Кӯдакон	Калон-солон	Диҳиши китоб	Миқдори китобҳои харидоришуда
1.	**20930**	**-**	**960**	**66000**	**4365**	**1644**	**1033**	**611**	**4614**	**960**

Чорабиниҳо

Шумораи умумии чорабиниҳо	28
Намоиши китобӣ	16
Суҳбатҳо	15
Сайри китобхона	6
Соати адабӣ	2
Маҳфили адабӣ	5

Ҳисоботи омории МД Китобхонаи муосири “Пойтахт” дар шаш моҳи соли 2026

Ташрифоварӣ	4365
Миқдори аъзоён	1644
Диҳиши китоб	4614

Хонанда аз рӯи синну сол

Хонандаи мактаби миёна	1033
Хонандахои калонсол	611
Зан	937
Мард	707

Адабиёт аз рӯйи шуъбаҳо

Адабиёти бадеӣ	3399
Фанҳои ҷомеъашиносӣ	427
Илмҳои дақиқ	459
Техникӣ	126
Адабиёт ба забони тоҷикӣ	2536
Адабиёти ба забони русӣ	2020
Англисӣ	58